





# ЁДДОШТ

## БАРОИ МУҲОҶИРОН

## НОВОСИБИРСК

# ЁДДОШТ БАРОИ ШАҲРВАНДИ ХОРИҶӢ

Ин ёддошт ба Шумо кӯмак мекунад, ки бо қоидаҳои асосии будубоши қонунӣ дар қаламрави кишвари мо шинос шавед: тартиби убури сарҳад, бақайдгирии муҳоҷиратӣ. Дар ҳолатҳои фавқулодда чӣ бояд кард, ба куҷо бояд занг зад? Чӣ тавр ҳамватанони худро ёфтан ва чӣ гуна ба ҳаёти мадании шаҳр ҳамроҳ шудан.

Аз ин ёддошт истифодабаранда баред барои фаҳмидан ва риоя кардани қоидаҳо муҳоҷиратии русӣ ва меъёрҳои рафтор.

Ёддошт дар доираи амалигардонии барномаи мунитсипалии "Пешгирии экстремизм, камкунӣ ва (ё) барҳам додани оқибатҳои зуҳуроти он дар минтақаи шаҳри Новосибирск" нашр шудааст.

© Раёсати робита бо ҷомеаи ҳукумати шаҳри Новосибирск, 2023 с.



***Меҳмонони мӯҳтарами Новосибирск!***

***Шуморо ба шаҳри дӯстдоштаамон – пойтахти Сибир шодбош мегӯям!***

*Новосибирск – аз ҳама калонтарин мақомоти муниситалии Россия, сеюмин шаҳри кишвар аст, имрӯз дар ин ҷо беш аз 1 млн 600 ҳазор нафар зиндагӣ мекунанд. Дар 128 сол аз як деҳаи на он қадар калон Новониколаевск — Новосибирск ба маркази тиҷоратӣ, корӣ, маданӣ, саноатӣ, нақлиётӣ ва илмии минтақаи Сибир табдил ёфт.*

*Имруз шаҳри мо босуръат ва фаъолона тараққӣ мекунад: маҳаллаҳои нав сохта шуда истодаанд, инфрасохтор такмил дода мешавад, шароитҳои иқтисодӣ беҳтар мегардад.*

*Чун анъана Новосибирск барои зиндагӣ ва кор макони дилкаш буд, ба назди мо намояндагони миллатҳои гуногун меоянд. Имрӯз дар шаҳр зиёда аз 120 миллат ба ҳисоб гирифта мешавад, ва ҳамаи онҳо дар оилаи дӯстонаи Новосибирскии мо бо ҳам дар сулҳ зиндагӣ мекунанд.*

*Барои он ки будубоши шумо дар қаламрави Новосибирск бароҳат бошад, мо барои онҳое, ки ба шаҳри мо барои зиндагӣ ва кор меоянд, ёддошт таҳия кардем, ки ба шумо дар ҳалли мушкилоти зиёди мутобиқшавӣ, риояи меъёрҳои қабулшудаи рафтор ва қонунгузорӣ кӯмак мекунад. Умедворам, ки шумо шаҳри моро самимона дӯст медоред ва он хонаи дуюми шумо мегардад.*

*Бо эҳтиром,*
*Раиси шаҳри Новосибирск*
*Анатолий Локоть*



***Мӯҳтарам бародарон ва хоҳарони ҳамдин!***

***Ас-саляму алейкум ва-раҳмату-Лла́ҳи ва-барака́туҳ!***

*Аз сидқи дил Шуморо ба шаҳри мехмон-навозу саховатманди Новосибирск хуш омадед мегӯям!*

*Россия - ин кишварест, ки намояндагони бисёр халқу динҳо дар сулҳу оромӣ зиндагӣ мекунанд. Ислом дар Россия яке аз динҳои анъанавӣ буда, мусулмонони русӣ Ватани заминии худро «дар ас-салям» ва «дар аш-шахада» медонанд. Мо бародарони ҳамди-ни худ ва ҳамсояҳоеро, ки динҳои дигарро пайравӣ мекунанд, эҳтиром мекунем.*

*Новосибирск барои бисёр мусулмонон ба шаҳри зодгоҳ табдил ёфта-аст. Мо шаҳри зебои худро дӯст медорем ва қадр мекунем. Умедворем, ки шодию гармии ҳузури шумо дар Новосибирск низ дар қалби шумо ҷой мегирад.*

*Россия - давлати дунявӣ аст, дар ин ҷо дин аз давлат ҷудо аст. Мусул-монон ҳақ доранд ба дини худ пайравӣ кунанд, расму оинҳоро иҷро кунанд, аммо мо бояд дарк кунем, ки ҷомеаи гирду атрофи мо тибқи қонунҳои дунявӣ ташкил карда шудааст. Дар Куръон гуфта шудааст, «дар дин маҷбурӣ нест». Беҳтарин таблиғи Ислом рафтори хоксорона ва шоис-таи шумо мебошад, амали нек ва посухгӯии шумо. Инро дар хотир доред.*

*«Аллоҳ ба адолат риоя кардан, некӣ кардан ва ба хешовандон ҳадя доданро амр мекунад ва чизи нафратовар, амалҳои ношоям ва бадкориро манъ мекунад».*

*Новосибирск – шаҳри сулҳ ва амонӣ. Уммати мо ба ҳамаи ниёзмандон кӯмак мекунад. Дар мо имомон — зодагони кишварҳои Осиёи Марказӣ хизмат мекунанд. Онҳо бо камоли майл ба саволҳои шумо ҷавоб медиҳанд ва ҳама гуна кӯмаки имконпазирро мерасонанд.*

*Идораи динии мусулмонони вилояти Новосибирск ҳамеша шуморо дар масҷидҳо интизор аст, воқеъ дар кучаи Красина, 58/1 ва дар кучаи Мира, 65/4.*

*Аз истиқболи шумо дар уммати Новосибирск шодем!*

*Муфтии вилояти Новосибирск*
*Салим-Ҳазрат Шакирзянов*

# ҶОЙҲОИ ДИДАНИИ НОВОСИБИРСК



**Театри давлатии академии опера ва балети Новосибирск**
Красныи проспект, 36,
истгоҳи нақлиёти ҷамъиятии метро
«площадь Ленина»,
«Красныи проспект», «Сибирская»



**Осорхонаи маҳалшиносии давлатии Новосибирск**
кӯч. Ленина, 23
истгоҳи нақлиёти ҷамъиятии метро
«Площадь Ленина»,
«Красныи проспект»




**Боғи ҳайвоноти Новосибирск**
истгоҳи нақлиёти ҷамъиятии
«Новосибирскии зоопарк»
Троллеи бус № 2
Таксии хатсайрии № 11




**Боғи фарҳангӣ ва фароғатии «Березовая роща»**
истгоҳи нақлиёти ҷамъиятии
Метро «Березовая роща»
Автобус №30,35,39,6
Троллейбус №10,22,23




## Боғи фарҳангӣ ва фароғатии «Центральный»

истгоҳи наклиёти ҷамъиятии «стадион Спартак» «театр оперы и балета», метро «Сибирская», «площадь Ленина»
Трамваи № 13
Автобусҳ ои № 95 (1095), № 203
Троллейбус № 36
Таксии хатсайрии № 2, № 46 (1016)



## Муҷассамаи шӯҳрат

Ёдгорӣ бахри Сибириҳо-иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ. Дар ноҳияи Ленинии Новосибирск ҷойгир аст. Кушодашавии муҷассама 6 ноябри соли 1967 гузашта буд. Объекти мероси фарҳангии Русия мебошад. (кӯч. Станиславского).
Истгоҳи наклиёти ҷамъиятии «Монумент Славы».



## Сутуни «Новосибирск – шаҳри шуҷоъи меҳнатӣ»

Шаҳри шуҷоъи меҳнатӣ - унвони фахрии Федератсияи Россия, аз 1 марти соли 2020 "баҳри абадигардонии корнамоии меҳнатдӯстони паси фронт дар вакти Ҷанги Бузурги Ватанти 1941-1945 солҳо" бо қонуни федералӣ қабул шудааст.
Истгоҳи наклиёти ҷамъиятии метро «Заельцовская», «площадь Калинина».




## Боғи дисперсии Затулинский -

объекти калонтарин дар вилояти Новосибирск
ноҳияи Кировский,
маҳаллаи истиқоматии Затулинский,
Истгоҳи наклиёти ҷамъиятии «Кинотеатр Рассвет».



### Соҳили Михайловская

яке аз ҷойҳои макразии Новосибирск. Дар инҷо идҳову консертҳои калони шаҳри гузаронида мешаванд.
Истгоҳи наклиёти ҷамъиятии «Речнои вокзал» ё «Парк городское начало».



### Боғи фарҳангӣ ва фароғатии «Заельцовский»

яке аз қадимтарин боғҳои шаҳр, "марвориди сабз"-и Новосибирск ба шумор меравад. Дар боғ минтақаҳои тематикии зиёде вуҷуд доранд, дар ин ҷо "Роҳи оҳани кӯдаконка" фаъолият мекунад.
Истгоҳи наклиёти ҷамъиятии «ПКиО Заельцовскии».



### Боғи обии «Аквамир Новосибирск»

Боғии обии калонтарин дар Сибир. Дар ин ҷо бисёр аттраксионҳои обӣ ва SPA-проседураҳо мавҷуданд.
Даромадаш пулакӣ.
Истгоҳи наклиёти ҷамъиятии «Аквапарк».

## ИДҲОИ ДАВЛАТӢ ВА МИЛЛИИ РОССИЯ

**7 январ** – Мавлуди Масеҳ
**23 февраля** – Рӯзи муҳофизони Ватан
**8 марта** – Рӯзи байналхалкии занон
**1 мая** – Иди баҳор ва меҳнат
**9 мая** – Рӯзи Ғалаба
**12 июня** – Рӯзи Россия
**4 ноября** – Рӯзи ваҳдати миллӣ

# ВОРИД ШУДАН БА ҲУДУДИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ (сарҳад)

**Вуруд ба Федератсияи Россия** → **Дар нуқтаи гузаргоҳи давлатии сарҳадӣ корди муҳоҷириро пешниҳод кунед** → **Бақайдгирии муҳоҷиратӣ** (на дертар аз 7 рӯз пас аз омадан, истисно барои шаҳрвандони давлатҳои иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (дигар ИИАО) (30 рӯз) ва шаҳрвандони Тоҷикистон (15 рӯз)).







Бақайдгирии ибтидоии муҳоҷиратии шаҳрвандони хориҷӣ (бақайдгирии ибтидоӣ) ба мӯҳлати будубоши то 90 рӯз, нcorrectнавобаста аз шаҳрвандии шаҳрванди хориҷӣ карда мешавад. Ин ба шаҳрванди хориҷӣ ҳақ медиҳад, ки то 90 рӯз дар қаламрави Россия бимонад. Пас аз гузаштани 90 рӯз шаҳрванди хориҷӣ бояд ё аз ҳудуди Федератсияи Россия берун равад ба мӯҳлати 3 моҳ ё бақайдгириро тамдид (дароз) кунад. Дар баробари ин тамдиди муҳлати бақайдгирии шаҳрвандони хориҷӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани асос имконпазир аст.

# ДАР КУҶО БАҚАЙДГИРИИ МУҲОҶИРАТӢ МЕГУЗОРАНД?

**дар мақомоти минтақавии Раёсат оид ба масъалаҳои муҳоҷират (Сарраёсати оид ба масъалаҳои муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ) дар ҷои бақайдгирӣ** → **дар Маркази бисёрфунксионалӣ (МБФ);** → **бақайдгирии муҳоҷиратӣ тавассути Почтаи Россия.**

# КИ БАРОИ КОР ПАТЕНТ БОЯД ГИРАД

## Шаҳрвандони кишварҳои бераводид



Озарбойҷон



Молдова



Тоҷикистон



Узбакистон



# ПАТЕНТ ДАР ҲУЗУРИ ШАХСӢ ДОДА МЕШАВАД

**Дар маркази муҳоҷиратӣ бо суроғаи кӯч. Есенина, 1 «Г»**

# КИ БОЯД ИҶОЗАТИ ҶАЛБИ КОРГАРОНИ ХОРИҶӢ ВА ИҶОЗАТИ КОРӢ ГИРАД

**Корфармое, ки аз давлатҳои режими раводиддор коргаронро ҷалб мекунад, бояд иҷозати ҷалб ва корфармоии коргарони хориҷиро гирад**

**Иҷозати ҷалб ва корфармоии коргарони хориҷӣ дар асоси квотаҳои ҷудошуда дода мешавад**

## БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ҚОНУНГУЗОРИИ РОССИЯ ҶАВОБГАРӢ ПЕШБИНӢ ШУДААСТ

### ҶАВОБГИРИИ МАЪМУРӢ

- огоҳиномаи бақайдгирии муҳоҷиратро ба расмият надаровардаед →
- ҳангоми бақайдгирии муҳоҷиратӣ маълумоти бардурӯғ пешниҳод кардаед →
- ҳангоми аз ҷониби политсия дастгир шудан ҳуҷҷатҳои зарурӣ надоштед →
- бе ҳуҷҷатҳои зарурӣ кор карда бошед ё на аз рӯи ихтисоси дар патент нишондодашуда; →
- мақсади бардурӯғи ворид шуданро дар корти муҳоҷиратӣ нишон додаед

Барои ҳуқуқвайронкуниҳои зикршуда ҷавобгарии маъмурӣ дар шакли ҷаримаи маъмурӣ ё хориҷ кардан аз қаламрави Федератсияи Россия пешбинӣ шудааст (мутобиқи муқаррароти моддаи 18.8, моддаи 18.10, моддаи 18.15, моддаи 19.27-и Кодекси Федератсияи Россия оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ (КҲМ ФР).



## ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ЭКСТРЕМИЗМ

**моддаи 20.3 - таблиғот ва намоиши оммавии асбобҳо ё рамзҳои миллатгароӣ** → **моддаи 20.29 - истеҳсол ва паҳн кардани маводҳои экстремистӣ** → **моддаи 20.3.1 – барангехтани адоват ё душманӣ, инчунин паст задани шаъну шарафи инсон, агар дар ин кирдор кирдори ҷазои ҷиноятӣ набошад**

## ДАР КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ БАРОИ СОДИР КАРДАНИ ҶИНОЯТҲОИ ТЕРРОРИСТӢ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БО ҶАЗОИ МАҲДУД КАРДАНИ ОЗОДӢ ПЕШБИНӢ ШУДААСТ

## БА МӮҲЛАТИ АЗ ПАНҶ ТО БИСТ СОЛ!!!

**– Моддаи 205** Амали террористӣ;

**– Моддаи 205.2** Даъватҳои оммавӣ ба фаъолияти террористӣ ё сафедкунии оммавии терроризм;

**– Моддаи 205.3** Гузаштани омодагӣ барои анҷом додани амалиёти террористӣ;

**– Моддаи 205.4** Ташкили ҷомеаи террористӣ ва иштирок дар он;

**– Моддаи 205.5** Ташкили фаъолияти ташкилоти террористӣ ва иштирок дар фаъолияти чунин ташкилот;

**– Моддаи 208** Хабари бардурӯғ дар бораи амали террористӣ;

**– Моддаи 280** Даъватхои оммавӣ ба амалиёти экстремистӣ;

**– Моддаи 280.1** Даъватҳои оммавӣ барои амалисозии амалҳое, ки ба вайрон кардани арзи пурраи Федератсияи Русия нигаронида шудаанд;

**– Моддаи 282** Барангехтани кинаю адоват, инчунин паст задани шаъну шарафи инсон;

**– Моддаи 282.1** Ташкили ҷомеаи экстремистӣ;

**– Моддаи 282.2** Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ.

## ҚОИДАҲОИ РАФТОР ДАР ҶОЙҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

**Ҳар як шаҳрванди хориҷӣ, ки дар Федератсияи Россия қарор дорад, бояд қонунҳо, расму русум ва анъанаҳои кишвари қабулкунандаро риоя ва эҳтиром кунад! Пеш аз ворид шудан ба Россия ҳатто бо онҳо шинос шудан лозим аст.**






**Қоидаи асосии рафтор дар кӯча - ин ба атрофиён нороҳатӣ ва нохушӣ нарасонидан!**

**Ҳангоми ҳаракат дар кӯчаҳои шаҳр бояд тарафи ростро нигоҳ дошт**

**Ҳангоми сӯҳбат бо телефон ё бо ҳамдигар бо овози баланд диққати дигаронро ҷалб накунед.**

**Барои нушидани машруботу тамокукашӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ва барои ба ҷои нодуруст партофтани партов ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст.**

**Пас аз ақиби одамон ба ақиб нагардеду нигоҳ накунед ва дар бораи намуди зоҳирии онҳо изҳори назар накунед.**

**Ҳангоми рафтан ба кинотеатр, театр, осорхона ё дар маҷлисҳо ва суханронии оммавӣ телефони мобилии худро пешакӣ хомӯш кунед.**

**Ба шахси на он қадар шинос бо “Ту” муроҷиат накунед.**

Кӯшиш кунед, ки бо аҳолии маҳаллӣ бештар муошират кунед, дар доираи танги хешовандон ва ҳамкорон – муҳоҷирон маҳкам нашавед, дӯстӣ пайдо кунед, дар идҳо иштирок кунед, ба кино, осорхонаҳо, театрҳо, китобхонаҳо ташриф оред, забони русиро омӯзед. Урфу одатҳои ношиносро бо душманӣ қабул накунед, ҳатто агар онҳо барои шумо нофаҳмо бошанд. Ба ҳамсояҳо салом гӯед, ҳангоми вохӯрӣ табассум кунед, худро дӯстона зоҳир кунед. Ба пиронсолон кӯмаки худро пешниҳод кунед, ба зани бо коляска ёрӣ расонед.



## ҚОИДАҲОИ РАФТОР ДАР НАҚЛИЁТИ ҶАМЪИЯТӢ

- Агар шумо бо кӯдакон рафта истода бошед, нагузоред, ки онҳо ба мусофирони дигар халал расонанд ва ғавғо кунанд.
- Дар нақлиёти ҷамъиятӣ бо овози баланд сухан нагӯед.
- Танҳо бо гӯшмонакҳо видео тамошо кунед ё мусиқӣ гӯш кунед.
- Дар толори автобус, троллейбус, трамвай, таксии хатсайр бо телефон бо овози баланд гап назанед.
- Пешакӣ ба баромадан омода шавед (хусусан агар мусофирон зиёд бошанд). Мусофиронро саросемавор ба баромадгоҳ тела надиҳед, аз онҳое, ки дар пеш истодаанд, пурсед, ки оё онҳо намебароянд ва баъд барои гузаштан иҷозат пурсед.
- Ҳангоми ворид шудан ба нақлиёти ҷамъиятӣ борхалта/ҷувздони калонро аз китф гиред, то ба мусофирони дигар осеб нарасонед.
- Бурдани ашёҳои рангкунанда, халонанда, буранда, ки метавонад яке аз мусофиронро доғдор кунад ё осеб расонад, мумкин нест.
- Ҷойҳои нишастро бо ҷувздонҳо ё ашёи дигар ишғол накунед.
- Дар метро ҳангоми истифода бурдани эскалатор дар тарафи рост истед, аз тарафи чап гузаштан лозим аст.



## ЁРИИ ТИББӢ



Ҳама шаҳрвандони хориҷӣ, новобаста аз мақоми худ (иқомати муваққатӣ ё доимӣ) ҳуқуқ ба ёрии тиббӣ дар қаламрави Россия доранд. Ёрии тиббиро шаҳрванди хориҷӣ метавонад дар муассисаҳои тиббии ҳама гуна шакли моликият: беморхонаҳои давлатӣ, мунисипалӣ ва хусусӣ гирад.

Дар беморхонаи хусусӣ ёрии тиббии ҳама гуна шакл ба шаҳрванди хориҷӣ дар асоси пулакӣ (аз ҳисоби маблағҳои шахсӣ) расонида мешавад. Бо беморхона барои расондани хизматрасонии пулакии тиббӣ шартнома баста мешавад.

Дар беморхонаи давлатӣ ва мунисипалӣ ёрии тиббӣ ба шаҳрванди хориҷӣ аллакай вобаста ба мақоми ӯ ҳам ройгон ва ҳам дар асоси пулакӣ (аз ҳисоби маблағҳои шахсӣ) расонида мешавад.

## ДАР ХОТИР ДОРЕД!

Ёрии таъҷилии тиббӣ дар Россия ба ҳамаи категорияҳои шаҳрвандон ройгон расонида мешавад.

Ин намуди ёрии тиббӣ барои ҳолатҳое мебошад, ки дахолати таъҷилии тиббиро талаб мекунанд (ҳодисаҳои нохуш, осебу ҷароҳатҳо, заҳролудшавӣ ва дигар ҳолатҳое, ки дахолати таъҷилии тиббиро талаб мекунанд).

## ТАШКИЛОТҲОИ ХАЙРИЯВӢ

Дар Новосибирск ташкилотҳои хайриявӣ ва меҳмонхонаҳои иҷтимоӣ кор мекунанд, ки шумо метавонед барои кӯмак муроҷиат кунед!

| Ном | Суроға | Телефон |
|---|---|---|
| Маркази минтақавии маҷмаавии мутобиқсозии иҷтимоии шаҳрвандон, меҳмонхонаи иҷтимоӣ. | Владимирский спуск, 6 | +7 (383) 304-88-02 |
| | кӯч. Весенняя, 10Б | +7 (383) 304-88-01 |
| Ташкилоти хайриявиии ҷамъиятии байнинминтақавии мутобиқсозии иҷтимоии шаҳрвандон «Линия Жизни» | кӯч. Игарская, 20 | 8 (800) 2222-911<br>+7 (383) 278-0-278 |
| | кӯч. Моторная, 20/1 | |
| | кӯч. Бурденко, 62 | |
| | хиёб. Дзержинского, 81 | |

| Ном | Суроға | Телефон |
|---|---|---|
| Шӯъбаи минтақавии дар Новосибирск будаи ташкилоти ҷамъиятии умумироссиягии «Салиби сурхи Россия» | кӯч. Писарева, 4 | +7 (383)221-18-55 |
| Анбори иҷтимоии «Кумак ба наздикон» дар назди Масҷиди ҷомеъ | кӯч. Красина, 58/1 | +7 913 451 18 77 |
| Маркази маҷмаавии епархиавӣ оид ба хизматрасонии ичтимоӣ ба шаҳрвандоне, ки бе манзил мондаанд | деҳаи Восточный, 13а | +7(383) 291-86-68<br>+7(383) 375-03-03<br>+7(923) 775-03-03<br>+7 (913) 915-86-68<br>8 (800) 222-06-05 |

## МАРКАЗҲОИ БИСЁРФУНКСИОНАЛӢ (МБФ)

Барои ҳуҷҷатгузорӣ шумо метавонед ба яке аз марказҳои хадамоти давлатӣ ва мунисипалии «ҲУҶҶАТҲОИ МАН» муроҷиат кунед:

| Суроға | Реҷаи корӣ | Телефон |
|---|---|---|
| Площадь Труда, 1<br>кӯч. Зыряновская, 63<br>кӯч. 1905 года, 83<br>хиёб. Дзержинского, 16<br>кӯч. Марата, 2<br>кӯч. Красных зорь, 1/ 2<br>кӯч. Сибревкома, 9<br>кӯч. Сибиряков-Гвардейцев, 62<br>кӯч. Арбузова, 6 | душанбе, чоршанбе, ҷумъа:<br>аз 08:00 то 18:00<br><br>сешанбе, панҷшанбе:<br>аз 08:00 то 20:00<br><br>шанбе:<br>аз 08:00 то 17:00 | Маслиҳат дар бораи расондани хизматрасонии давлатӣ ва мунисипалӣ, ки дар базаи МБФ пешниҳод мешавад, метавон бо рақами телефони Маркази ёрии ягона: 052 (рақами телефони шаҳрӣ) (383) 21-77-052 (занг барои минтақаҳо) гирифт. |



## МАРКАЗИ БАЙНАЛМИЛЛАЛИИ ШАҲРӢ

Маркази байнимиллалии шаҳрӣ дар ҳамкории зич бо Ассотсиатсияи автономияҳои фарҳангӣ - миллӣ ва ташкилотҳои миллии ш. Новосибирск ва вилояти Новосибирск «Содружество» кор мекунад, барои шароит муҳайё кардан ҷиҳати нигоҳ доштан ва инкишоф додани забонҳои миллӣ, маданият, анъанаҳои халқҳои сокини шаҳри Новосибирск, ташаккули маданияти муоширати байни миллатҳо машғул аст.

**Кӯч. Станиславского, 29 (истгоҳи «Вертковская»)**
**т. 8 (383) 361-07-02**

**Ассотсиатсияи автономияҳои фарҳангӣ - миллӣ ва ташкилотҳои миллии ш. Новосибирск ва вилояти Новосибирск «Содружество» - яке аз ташкилотҳои пешқадами шаҳр, ба он 27 ташкилоти миллӣ дохил мешаванд**

**Маълумоти бештарро оиди роҳбарону фаъолияти ташкилотҳои миллӣ метавонед аз коргарони Маркази байналмилалии шаҳри ба телефони зерин занг зада гиред: 8 (383) 361-07-02**

# АВТОНОМИЯҲО ВА ТАШКИЛОТҲОИ МИЛЛӢ-ФАРҲАНГӢ

| | | |
|---|---|---|
| **Ташкилоти ҷамъиятии «Автономияи маҳаллии миллӣ-фарҳангии Озарбойҷони ш. Новосибирск» aznkan@mail.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии вилоятии Новосибирск «Маркази фарҳангии қирғизӣ» «АЛА-ТОО-НОВОСИБИРСК» alatoonsk@mail.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии вилоятии «Автономияи миллӣ-фарҳангии арманиҳои вилояти Новосибирск» arm-sib@yandex.ru** |
| **Фонди ҷамъиятии вилоятии Новосибирск оид ба ҳифзи фарҳанги хакасҳо «АЛ ХООРАЙ» Lastochka25@mail.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии "Автономияи миллӣ-фарҳангии вилоятии белорусҳои Новосибирск" n-sancevich@list.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии вилояти Новосибирск «Ҷамъияти халқҳои Гурҷистон» Nsk-Zng@mail.ru** |
| **Ташкилоти ҷамъиятии автономияи миллӣ-фарҳангии бурятии маҳаллии «Байкал» ш. Новосибирск enkhe85@mail.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии «Автономияи миллӣ-фарҳангии минтақавии татарии вилояти Новосибирск» amirgareev@rambler.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии автономияи миллӣ-фарҳангии маҳаллии уйғурҳои ш. Новосибирск «Вятан» bashiroff@bk.ru** |
| **Ташкилоти ҷамъиятии автономияи миллӣ-фарҳангии маҳаллии тоҷикони ш. Новосибирск karimov-57@mail.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии автономияи миллӣ-фарҳангии минтақавии Новосибирск оид ба инкишофи фарҳанги туркманӣ «Ҷамъияти туркманӣ «Махтымгулы» ayro@yandex.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии минтақавии «Автономияи миллӣ-фарҳангии қазоқии вилояти Новосибирск «ОТАН» (Ватан) Orinkul67@inbox.ru** |
| **Ташкилоти ҷамъиятии маҳаллии «Автономияи миллӣ-фарҳангии халқҳои Доғистон “ДАГ-СИБ” и шаҳри Новосибирск" Rubas7@mail.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии автономияи миллӣ-фарҳангии кореягиҳои вилояти Новосибирск vita-begemot@mail.ru** | **Региональная общественная организация «Молдавский национально-культурный центр Новосибирской области «Полярная звезда» luceafarul2010@yandex.ru** |
| **Ташкилоти ҷамъиятии минтақавии Новосибирск «Маркази миллӣ-фарҳангии узбекӣ - русӣ» Djurabaeva.gulnara@yandex.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии автономияи миллӣ-фарҳангии маҳаллии украиншҳои ш. Новосибирск vlpavuk@yandex.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии байниминтақавии «Маркази ҳифзи ҳуқуқи тоҷикистониён» npoo2008@mail.ru** |
| **Ташкилоти ҷамъиятии минтақавии тоҷикистониёни вилояти Новосибирск «Дружба» muslim2003@mail.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии «автономияи миллӣ-фарҳангии маҳаллии олмониҳои руси минтақаи Новосибирск» kmatis@yandex.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии «втономияи миллӣ-фарҳангии маҳаллии яҳудиҳои ш. Новосибирск Turetskaya@mail.ru** |
| **Ташкилоти ҷамъиятии миллии фарҳангӣ-тарбиявии юнонии вилояти Новосибирск «Эльпида-Умед» elpida.hope@mail.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии миллии фарҳангӣ-тарбиявии полякии шаҳрии Новосибирск «ХОНАИ ПОЛЯКӢ» Judanova.sophia@yandex.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии минтақавии Новосибирск оид ба инкишоф додан ва ба амал овардани ташаббусҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ фоиданок ва аҳамияти ҷамъиятӣ дошта "Иттифоқи ҷавонони Россияву Озарбойҷон" nroo-oram@mail.ru** |

| | | |
|---|---|---|
| **Ташкилоти ҷамъиятии маҳаллии автономияи миллӣ-фарҳангии қирғизҳои ш. Новосибирск «Мекендештер (Ҳамватанон)» adiletnsk@mail.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии минтақавии Новосибирск оид ба омӯхтан ва нигоҳ доштани фарҳанги миллати езиди "Маркази фарҳангии миллӣ "Шамс (Худои офтоб)" Kr_solnechnii@mail.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии минтақавии Новосибирск оид ба кумаки мутобиқшавии иҷтимоӣ - ҳуқуқии халқҳои Помир «ПОМИР» akimbek@mail.ru** |
| **Ташкилоти ҷамъиятии минтақавии Новосибирск «Маркази мероси фарҳаги «ТУУЛУ АЛТАЙ» kasenova_n@mail.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии минтақавии Новосибирск оиди ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои намоянадгони халқҳои Ҷумҳурии САХА Якутия «Ҷомеаи якутиҳои Саха – Сибир» v.popov@p-ik.ru** | **Ташкилоти ҷамъиятии минтақавии Новосибирск «Маркази миллӣ-фарҳангии муғулӣ «Найрамдал (Дӯстӣ)» Petrov55@mail.ru** |

## МУАССИСАҲОИ ДИНИИ ШАҲРИ НОВОСИБИРСК



**Собор (ҷомеъ) ба номи Александр Невский**

Калисои православӣ дар Новосибирск, ки дар он ҳамарӯза ибодати илоҳӣ баргузор мешавад, шахсоне, ки аз қавми калисо ҳастанд, ба корҳои миссионерӣ ва хайриявӣ фаъолона машғуланд. Дар собор бародарии православӣ ва хоҳарии православӣ мавҷуд аст, ки ба корҳои хайриявӣ ва таълимӣ машғуланд.

**Суроға: кӯч. Советская, 1а**



### Масҷиди Ново-Николаевскии ҷамъияти Мухаммадӣ

Масҷиди Ново-Николаевскии ҷамъияти Мухаммадӣ бо маблағи диндорон соли 1916 дар қисми Вокзалии шаҳр сохта шуда буд. Ҳоло масҷид дар суроғаи кӯч. Фрунзе, 1а ҷой гир аст. Ба масҷиди таърихӣ симои то инқилобӣ дода шуд, манора аз нав барқарор карда шуд.



### Датсани буддоӣ

Ташкилоти динии буддоёни «Ринчин» соли 2012 дар Новосибирск пайдо шуд. Бо хайрияҳои хусусии бурятҳо сохта шудааст. Дар ҳудуди маъбади буддоӣ 2 юрта мавҷуд аст. Дар онҳо шумо метавонед ба таври визуалӣ бо зиндагӣ ва фарҳанги мардуми бодиянишин шинос шавед, ба қабули мутахассиси тибби Тибет муроҷиат кунед ва таоми миллии бурятӣ - позаҳоро бичашед.

**Суроға: кӯч. Зеленая Горка, д. 1/1**



## Канисаи (синагога) «Бейт Менахем»

Маркази фарҳангии ҷамъияти яҳудиёни Новосибирск "Бейт Менахем" дорои китобхона, тарабхонаи кошерӣ ва мағозаи ғизои кошерӣ, маркази рушди кӯдакон, маҷмааи варзишӣ, толори идона ва ошхонаи хайриявӣ мебошад ва бори аввал дар 80 соли охир - каниса. Мукаддастарин ашёҳо дар каниса – ин варақаҳои Таврот мебошанд.

**Суроға: кӯч. Щетинкина, 68**

## Масҷиди ҷомеъи ба номи Шайх Кунта-Хаджи Кишиев



Дар соли 2014 дар Новосибирск масҷиди ҷомеъи ба номи шайхи сӯфиёни нимаи дуюми асри XIX Кунта-Ҳоҷӣ Кишиев кушода шуд. Дар ҳудуди масҷид маҷмааи мусулмонони рӯҳонӣ, аз ҷумла мадраса, маркази раҳмдилӣ барои 15 нафар, манзил барои рӯҳониён, офисҳо барои марказҳои фарҳангӣ ва биноҳои маросимӣ бунёд шудааст.

**Суроға: кӯч. Мира, 65/4**



Суроға: Мочишенское 1-е шоссе, 7/2

## Калисои апостолии армании "Суроб Аствацацин"

Калисои арманӣ дар соли 2018 муқаддас карда шуд. Калисо бо услуби ғайриоддии меъморӣ барои Сибир сохта шудааст. Деворҳоро нақшу нигори зебои сангин оро додаанд.



## Собори католикии Тағйирёбии Худованд

Собори католикӣ дар шаҳри Новосибирск мақоми калисои ҷомеъи дар епархии Тағйирёбӣ (бо марказ дар Новосибирск), кашиши калон Георгий Федосеев.



## Собор Мавлуди Модари муқаддаси Худо

Собори имондорони қадимаи Мавлуди Модари муқаддаси Худо дар кучаи Байдукова ҷойгир аст. Ин маъбади бузурги панҷгунбадори хиштӣ мебошад, ки бо услуби меъмории русӣ бо манораи занги баланд солҳои 1990-1999 сохта шудааст. Назди колисо осорхонаи таърихи имондорони қадимаи Сибир амал мекунад.

**Суроға: кӯч. Байдукова, 1**

**РАҚАМҲОИ (АЛОҚАҲОИ) МАНФИАТНОК**
**Барои кӯмак ба кучҷо мурочҷиат кардан мумкин аст**

Аз телефони мобилӣ ҳангоми сар задани ҳолати фавқулодда, таҳдид ба ҳаёт ва саломатӣ (ёрии таъҷилӣ, шӯъбаи оташнишонӣ, политсия, наҷотдиҳандагон) - рақами ягонаи 112 (ҳатто бидуни симкорт, бе пул дар суратҳисоб ва бо клавиатураи бастаи телефон метавон занг зад).

**Хадамоти наҷот** – 01 (аз телефони мобилӣ – 101)
**Политсия** – 02 (аз телефони мобилӣ – 102)
**Ёрии таъҷилӣ** – 03 (аз телефони мобилӣ – 103)
**Хадамоти садамавии газӣ** – 04 (аз телефони мобилӣ – 104)

**Телефони навбатдори хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ:**
8(383) 266-06-93, 266-15-57, 8-913-891-67

**Телефони боварии СРВКД Россия дар вилояти Новосибирск:**
8 (383) 232-76-75

**Телефони боварии комиссияи зидди маводи мухаддири шаҳр:**
8(383) 227-45-90

**Раёсати оид ба масъалаҳои муҳоҷирати СР ВКД Россия дар вилояти Новосибирск (ш. Новосибирск, хиёбони Дзержинского,** 12/2): 8 (383) 278-06-06

**МАРКАЗИ ШАҲРИИ ДАСТГИРИИ РАВОНИЮ ПЕДАГОГИИ ҶАВОНОН «РОДНИК» кӯч. Народная, 13,**
8 (383) 276-02-12



## ШӮЪБАҲОИ ҲУДУДӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ МУҲОҶИРАТ

**Шӯъбаи оид ба масъалаҳои муҳоҷирати шӯъбаи политсияи № 1**
«Центральный» РВКД Россия дар ш. Новосибирск (ш. Новосибирск, кӯч. Трудовая, 15)
8(383) 232-60-76

**Шӯъбаи оид ба масъалаҳои муҳоҷирати шӯъбаи политсияи № 2**
«Железнодорожный» РВКД Россия дар ш. Новосибирск (ш. Новосибирск, кӯч. Октябрьская, 10)
8(383) 210-20-31

**Шӯъбаи оид ба масъалаҳои муҳоҷирати шӯъбаи политсияи № 3**
«Заельцовский» РВКД Россия дар ш. Новосибирск (ш. Новосибирск, кӯч. Д. Ковальчук, 396а)
8(383) 232-60-65

**Шӯъбаи оид ба масъалаҳои муҳоҷирати шӯъбаи политсияи № 4**
«Калининский» РВКД Россия дар ш. Новосибирск (ш. Новосибирск, кӯч. Д. Ковальчук, 396а)
8(383) 226-29-97

**Шӯъбаи оид ба масъалаҳои муҳоҷирати шӯъбаи политсияи № 5**
«Дзержинский» РВКД Россия дар ш. Новосибирск (ш. Новосибирск, хиёб. Дзержинского, 69)
8(383) 232-60-15

**Шӯъбаи оид ба масъалаҳои муҳоҷирати шӯъбаи политсияи № 6**
«Октябрьскиий» РВКД Россия дар ш. Новосибирск (ш. Новосибирск, кӯч. Никитина, 70)
8(383) 232-60-42

**Шӯъбаи оид ба масъалаҳои муҳоҷирати шӯъбаи политсияи № 7**
«Ленинский» РВКД Россия дар ш. Новосибирск (ш. Новосибирск, кӯч. Костычева, 14)
8(383) 232-60-50

**Шӯъбаи оид ба масъалаҳои муҳоҷирати шӯъбаи политсияи № 8**
«Кировский» РВКД Россия дар ш. Новосибирск (ш. Новосибирск, кӯч. Сибиряков-Гвардеи цев, 64)
8(383) 342-81-90

**Шӯъбаи оид ба масъалаҳои муҳоҷирати шӯъбаи политсияи № 9**
«Первомаиский» РВКД Россия дар ш. Новосибирск (ш. Новосибирск, кӯч. Первомаи ская, 214)
8(383) 337-04-60

**Шӯъбаи оид ба масъалаҳои муҳоҷирати шӯъбаи политсияи № 10**
«Советский» РВКД Россия дар ш. Новосибирск (ш. Новосибирск, кӯч. Кутателадзе, 1)
8(383)332-08-54

**Шӯъбаи оид ба масъалаҳои муҳоҷирати шӯъбаи ВКД Россия дар ш. Бердск** (ш. Бердск, кӯч. Пушкина, 35)
8(383) 413-00-77

ДАР 2ГИС МАЪЛУМОТИ ПУРРА ОИДИ НАҚЛИЁТҲОИ ШАҲРӢ ВА ҲАМАИ ТАШКИЛОТҲО МАВҶУДАНД: СУРОҒА, РАҚАМҲОИ ТЕЛЕФОН, ФИКРУ МУЛОҲИЗАҲО, АКСҲО ВА ТАВСИФИ ХИДМАТРАСОНИҲО. ТАШКИЛОТҲОРО МЕТАВОНЕД ҲАМ БО НОМ (МИСОЛ «ОШХОНАИ ШАРҚИИ ҲАЛОЛ) ВА ҲАМ АЗ РӮИ ФАЪОЛИЯТ (МИСОЛ "АВТОИСТГОҲҲОИ НОВОСИБИРСК")

БАРНОМАИ МОБИЛИИ M-HELP БАРОИ ШАХСОНЕ, КИ БА РОССИЯ БА КОР Ё ТАҲСИЛ МЕОЯНД СОХТА ШУДААСТ. БО Ё ЁРИИ БАРНОМА  СТИФОДАБАРАНДА МЕТАВОНАД БЕПУЛ ОНЛАЙН-МАСЛИҲАТҲО АЗ ЮРИСТ  Ё ДУХТУР ГИРАД. ҲАМЧУНИН ОИДИ ТАМОМИ ХАБАРҲОЕ, КИ ОИДИ СИЁСАТИ МУҲОҶИРАТИ ФР МЕБОШАНД ХАБАРДОР БОШАД.

ТАВАССУТИ БАРНОМАИ "ПОЧТА РОССИИ" БЕ НАВБАТ ШУМО МЕТАВОНЕД:

- ФИРИСТОДАНИ БОРРО БО ВАЗНИ ТАХМИНӢ ТАРТИБ ДИҲЕД
- МУДДАТ ВА НАРХИ ФИРИСТОДАНИ БОРРО БА РОССИЯ ВА ДИГАР ДАВЛАТҲО ҲИСОБ КУНЕД
- ШУЪБАИ НАЗДИКТАРИНИ ПОЧТАРО Ё ЁБЕД
- ХАТҲОИ РАСМИРО АЗ ДАВЛАТ ҚАБУЛ КУНЕД
- ПУЛИ ҶАРИМАҲОРО БО ТАХФИФ ПАРДОХТ НАМОЕД ВА Ғ.

БАРНОМА БАРОИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОН АЗ РОССИЯ. ДАР ОН ШУМО МЕТАВОНЕД МАЪЛУМОТРО ОИДИ СУРОҒАИ НАЗДИКТАРИНИ МБФ ВА ИНЧУНИН ХИЗМАТРАСОНИҲОЕ, КИ ДАР ОНҶО ШУМО МЕТАВОНЕД ИСТИФОДА БАРЕД МЕЁБЕД. БАРОИ ИН ШУМО БОЯД АЗ НОМГӮИ ХИЗМАТРАСОНИҲО ИНТИХОБ КАРДА БА ВАҚТИ ҚУЛАЙ ХУДРО НОМНАВИС КУНЕД.

## БАРНОМАҲОРО ДАР СМАРТФОН МЕТАВОНЕД АЗ APP STORE Ё GOOGLE PLAY STORE ДАСТРАС КУНЕД








